Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешгирии Зӯроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# РОҲНАМО

## БАРОИ ХОДИМОНИ ДИНӢ ДОИР БА БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲИ ДИНӢ

ISBN 978-99975-43-32-5

Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

**Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РОҲНАМО

## БАРОИ ХОДИМОНИ ДИНӢ ДОИР БА БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲИ ДИНӢ

**Душанбе-2020**

ТКБ 67.99(2)4+86.3 (2тоҷик)(03)
Р – 84
ТДУ 347.623:297Я2

**ISBN 978-99975-43-32-5**

## *Муқаддима*

Роҳнамо барои ходимони динӣ доир ба бастани ақди никоҳи динӣ бо мақсади таъмини мустаҳкамии оилаҳо, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва коҳиш додани ҷудошавии оилаҳои ҷавон таҳия гардидааст.

Роҳнамои мазкур аз ташхиси давлатии диншиносӣ аз 18.08.2020, №382 гузаронида шуда, барои ходимони динӣ – сархатибони масҷидҳои ҷомеи марказӣ, имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ ё имомони масҷидҳои панҷвақтаи шаҳру ноҳияҳо пешбинӣ шудааст.

Роҳнамои мазкур дар асоси Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2023 ва дар доираи иҷроиши Шартномаи дутарафа ва нақшаи кории якҷояи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали ГОПА мбХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/лоиҳаи “Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ” (PDV), ки аз тарафи Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ карда мешавад, ба табъ расида мешавад.

**Таҳияи роҳнамои мазкур ҳадафҳои башардӯстона дошта, ройгон дастрас карда мешавад.**

## *Ақди никоҳи динӣ*

Мувофиқи мазҳаби ҳанафӣ ҳангоми бастани ақди никоҳи динӣ, пеш аз хондани хутба ба никоҳшавандагон талаботи мазҳаб фаҳмонида мешавад. Ба ҷавононе, ки қадамҳои аввалини худро ба ҳаёти мустақилона мегузоранд, таъкид мегардад, ки аввалан эҳтироми якдигарро ва ҳурмати падару модаронашонро ба ҷо оранд.

Ходимони динӣ – сархатибони масҷидҳои ҷомеи марказӣ, имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ ё имомони масҷидҳои панҷвақта (минбаъд - имомхатиб) ба навхонадорон панд медиҳанд, ки онҳо бояд дар фарозу нишебиҳои зиндагӣ босабр бошанд, шукру қаноатро пеша кунанд, фарзандони худро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намоянд, ба онҳо таълими хуб диҳанд.

Дар иттиҳодияҳои динӣ аз ҷониби ходимони динӣ пешбурди дафтари қайди никоҳ ба роҳ монда мешавад, ки дар он маълумот дар бораи навхонадорон сабт карда мешавад.

## *Интихоби ҳамсар ва хостгорӣ*

Дар интихоби ҳамсар шахс бояд муносибати ҷиддӣ дошта бошад. Ҷавонон бояд ба маслиҳатҳои падару модар гӯш диҳанд, зеро онҳо дар ҳаёти оилавӣ таҷрибаи бузург дошта, кӯшиш мекунанд, барои фарзандони худ ҷуфти муносиб интихоб намоянд.

Ҳамсари хуб яке аз неъматҳои бузург аст. Чунонки Пайғамбари ислом (с) мефармоянд: *«Дунё иборат аст аз баҳрамандӣ ва беҳтарин баҳраи он зани солеҳа аст» (Саҳеҳи Бухорӣ).*

Дар маросими хостгорӣ беҳтар аст аз ҳар ду ҷониб шахсони баобрӯ ширкат намоянд. Машварат пурсидани зан дар бораи хостгорон аз шахси ботаҷриба ва аҳли амонат ва ҳамчунин машварат додани онҳо ба вай шаръан ҷоиз аст. Пайғамбари ислом (с) дар ҳадисе бо ишора ба аҳаммияти интихоби ҳамсари боахлоқ тавсия медиҳанд, ки агар барои хостгорӣ шахси муносиб ояд, таваққуф накарда, бояд розӣ шуд: "*Агар хостгоре барои духтаратон омад ва ӯро аз ҷиҳати дину ахлоқ писандидед, ба издивоҷи ӯ мувофиқат кунед, дар ғайри ин сурат бо издивоҷи афроди беахлоқ бо духтарони шумо гумроҳӣ ва фасоди фарогире домангиратон хоҳад шуд." (Сунани Тирмизӣ)*

Пас аз хостгорӣ, бахусус пас аз ризояти ҷониби зан, бе ҳеҷ узр ва сабабе қатъ кардани кор дар нимароҳ ва тарки идомаи он макрӯҳ аст.

## *Омодагиҳо ба бастани ақди никоҳи динӣ*

Ақди никоҳи динӣ аз ҷониби сархатибони масҷидҳои ҷомеи марказӣ, имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ ё имомони масҷидҳои панҷвақтаи шаҳру ноҳияҳо бо тартиби муқаррарнамудаи мазҳаби ҳанафӣ ва бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад.

Ходимони динӣ бояд пеш аз бастани ақди никоҳи динӣ аз навхонадорон пешниҳод намудани шаҳодатномаи ақди никоҳи давлатӣ ва муоинаи ташхиси тиббиро талаб намоянд ва баъд аз он бастани ақди никоҳи диниро амалӣ менамоянд.

Ҷавононе, ки нияти издивоҷ доранд, қабл аз никоҳ бояд аҳкоми шариатро оид ба масъалаҳои заношавҳарӣ биомӯзанд, калимаи шаҳодат, нияти ғусл ва амсоли

инҳоро ёд гиранд, зеро яке аз шартҳои асосии никоҳи динӣ мусулмон будан аст.

Маҳр дар мазҳаби ҳанафӣ ҳукми “воҷиб” дошта, пардохтани он аз ҷониби домод ҳатмӣ аст. Ҳадди ақалли маҳр дар фиқҳи ҳанафӣ 10 дирҳами шаръӣ муқаррар гаштааст. Даҳ дирҳам (пули нуқра) аз ҷиҳати вазн ба ҳафт мисқол ва дар садри ислом ба як мисқол тилло (бештар аз чаҳор грамм) баробар буд. Ин миқдор поёнтарин меъёри тавоноӣ ва марзи қудрати эҷоди як хонаводаи фақиронаро нишон медиҳад.

Ҳадди аксари маҳр дар дини ислом муайян карда нашудааст, аммо ҳар шахс бояд аз таъйин намудани маҳри гарон ва беандоза худдорӣ намояд, зеро Пайғамбар (с) фармудаанд: “*Бобаракаттарин ва ё беҳтарин занон ҳамон занone мебошанд, ки маҳрашон камтар бошад” (Риёзу-с-солиҳин).*

Тӯйи домодию арӯсӣ бо хароҷоти кам ва риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор карда мешавад.

## *Насиҳат намудани падару модар ба фарзандон*

Тавсия дода мешавад, ки волидон қабл аз издивоҷи фарзандонашон ба онҳо насиҳат кунанд ва барои ҳаёти мустақилона ҳидоят намоянд.

## *Насиҳати падар ба фарзанди азиз*

Намуна:

Писарам! Акнун ту ба ҳаёти мустақилона қадам мегузорӣ ва нигоҳубини хонадон ва пешбурди рӯзгор ба зиммаи ту вогузор мегардад. Кӯшиш кун бо меҳнати

ҳалол нафақаи аҳлу аёлатро таъмин намуда, дар оянда фарзандони солеҳ ба воя расонӣ!

Масъулиятшинос бош ва бо ҳамсарат бо ҳурмату эҳтиром муносибат намо. Нисбати ҳамсар ҳаргиз суханони қабеҳ нагӯй, ӯро наранҷон ва ҳаргиз даст набардор, зеро ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар ҳуқуқҳои баробар доранд. Огоҳ бош, ки ҳамсар барои ту хизматгор нест!

Дар ҳама ҳол кӯшиш кун, дарди дили завҷаатро дарк намоӣ, ба суханонаш гӯш бидеҳ ва роҳи мусолиматомези масъаларо биҷӯй, зеро дар хонадоне, ки ҳамдигарфаҳмӣ бошад, онҷо баракат аст.

Падару модар ва хешовандони ҳамсаратро эҳтиром намо, то хешовандони ту низ мавриди эҳтиром қарор гиранд.

Сабру қаноатро пеша намо ва дар ҳолати мушкилӣ аз калонсолон маслиҳат бипурс!

## *Насиҳати модар ба духтари арҷманд*

Модарон аз хурдсолӣ ба духтарони худ одобу ахлоқ, пухтану шустан ва дигар корҳои хоҷагидориро ёд медиҳанд, зеро чунин таҷриба дар ҳаёти мустақилона зарур аст. Одатан ба келини хонадон аз рӯи таоми пухтааш баҳо медиҳанд, аммо одобаш аз он ҳам боарзиштар аст. Аз ин рӯ, қабл аз гусел кардани духтар ба хонаи шавҳар модаронро лозим аст, ки ба ҷавонон насиҳат кунанд.

*Намуна:*

“Духтарам! Акнун ту аз муҳит ва хонадоне, ки дар он ба камол расидаӣ, ҷудо мешавӣ ва ба хонадоне меравӣ, ки ҳанӯз онро нашинохта ва ба пеши шахсе меравӣ, ки ба вай унс нагирифтаӣ!

Вай бо мулки хеш бар ту нозир ва сарпараст гардидааст. Пас ӯро эҳтиром намо, то ҳамсари бовафо ва пушту паноҳи ту бошад.

Бо шавҳарат муносибати нек кун, фармонбардор бош, ҳаргиз нофармонӣ накун, зеро ризоии Худо дар хушнудии шавҳар аст!

Моли шавҳаратро ҳифз намо ва бо хешовандонаш рафтори шоиста анҷом бидеҳ. Аз имрӯз падару модари шавҳар бароят падару модар ҳисоб мешаванд. Онҳоро беш аз падару модари худат ҳурмат кун.

Ҳаргиз сирри хонадонатро фош насоз ва онро ҳатто ба падару модарат низ нагӯй.

Зиндагӣ пастиву баландӣ дорад. Агар имрӯз шароити иқтисодӣ коста бошад, фардо ҳатман хуб мешавад. Бинобар ин, сабру қаноатро пешаи худ қарор деҳ, зеро сабр калиди тамоми хушиҳост!”

## *Маросими бастани ақди никоҳи динӣ*

Дар маросими бастани ақди никоҳи динӣ арӯсу домод, сархатиб (имомхатиб ва ё имоми панҷвақта), ду шоҳид иштирок мекунанд.

Аз нуқтаи назари динӣ шоҳидон бояд дорои хусусиятҳо ва шартҳои зерин бошанд, то шаҳодати онҳо пазируфта шавад:

а) шумораи онҳо – ду нафар мард ва ё як мард ва ду зан бошад;

б) мусулмон бошанд;

в) оқил ва болиғ бошанд;

г) озод бошанд;

в) одил ва парҳезгор бошанд.

Агар дар никоҳ аз ҳар ду ҷониб падару модарон низ иштирок намуда, ба насиҳатҳои имомхатиб гӯш диҳанд, хуб аст. Дар вақти бастани ақди никоҳи динӣ ва хондани

хутба иштироки теъдоди зиёди одамон тавсия дода намешавад. Дар ҳолати сархушӣ иштирок дар маросими акди никоҳи динӣ қатъиян манъ аст.

Маросими никоҳ барои арӯсу домод хеле ҳассос аст. Ҳар сухане, ки онҷо гуфта мешавад, дар хотираи ҷавонон нақш мебандад. Бинобар ин, имомхатибро лозим аст, ки қабл аз оғози никоҳ ба ҷавонон панд диҳад, мувофиқи мазҳаби ҳанафӣ ба онҳо аҳамияти никоҳ, масъулияти оиладорӣ, вазифаҳои зану шавҳарро баён намояд.

Таъкид намудан лозим аст, ки зану шавҳр бояд ҳурмати якдигар ва эҳтироми падару модар ва хешу таборони якдигарро ба ҷо оранд. Арӯс бояд соҳиби хонадон, ҳалиму меҳрубон бошад. Дар фарозу нишеби зиндагӣ бурдбор бошад, мол, хона, номус ва обрӯи шавҳарашро ҳифз намояд.

Нафақаи аҳлу аёл ба зиммаи шавҳар аст. Ба домод фаҳмонидан лозим аст, ки нисбати ҳамсари худ беэҳтиромӣ накунад, суханҳои ноҷо нагӯяд ва ҳаргиз, дар ягон ҳолат зӯроварӣ нанамояд. Зеро Пайғамбари гиромӣ (с) фармудаанд: *“Беҳтарини шумо касест, ки бо ҳамсараш ба некуӣ рафтор мекунад” (Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим).*

Аснои панд додан нақши хушдоманҳоро низ зикр кардан бамаврид аст. Бояд таъкид намуд, ки хушдоманҳо келинҳоро ба ҳайси духтари худ қабул кунанд, на ҳамчун хизматгор. Бо онҳо чунон муносибат кунанд, ки бо духтари худ мекунанд. Зеро ҳолатҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки бар асари таъсири хушдоманҳо оилаҳои ҷавон вайрон шудаанд.

Сипас, дар ҳузури арӯсу домод ва ду шоҳид хутбаи никоҳ хонда шуда, розигии ҳар ду тараф пурсида мешавад.

Дар китобҳои фиқҳӣ, ки садсолаҳо қабл тасниф гардида буданд, хутбаи никоҳ бо шеваи мушкил эҷод шуда, дорои калимаҳои арабӣ мебошад, ки моҳияти онро фаҳмидан имрӯз барои ҷавонон ғайриимкон аст. Бинобар

ин, ба ходимони динӣ тавсия дода мешавад, ки калимаҳои мушкил ва арабиасоси хутбаи никоҳро содда карда фаҳмонанд.

## *Шаклҳои бастани ақди никоҳи динӣ*

Бастани ақди никоҳи динӣ ба ду шакл маъмул аст – никоҳе, ки дар он арӯсу домод бевосита иштирок мекунанд ва никоҳе, ки дар он ба ҷои арӯс, домод ё ҳар ду вакилон иштирок менамоянд, ки он никоҳи ваколатӣ номида мешавад.

Дар никоҳи ваколатӣ арӯс ё домод розигии худро барои бастани ақди никоҳи динӣ ба вакил баён менамояд ва вакил аз ҷониби никоҳшавандагон розигӣ медиҳад. Чунин шакли никоҳ қаблан дар минтақаҳои кӯҳистон ё деҳаҳои дурдаст маъмул буд. Солҳои пешин никоҳ чанд рӯз пеш аз тӯй баргузор мешуд ва овардани арӯс аз минтақаи дурдаст мушкил буд. Бинобар ин, ба ҷои арӯс - падар, бародар, таго, амак ё шахси дигаре, ки арӯс розигии худро ба ӯ баён намудааст, иштирок мекард.

Ҳоло бошад, никоҳ дар рӯзи тӯй, баъд аз пешниҳод намудани шаҳодатномаи ақди никоҳи давлатӣ баста мешавад. Бинобар ин, дар никоҳ иштироки бевоситаи арӯсу домод афзал аст, то ин ки онҳо аз насиҳатҳои имомхатиб баҳраманд шаванд.

*Хутбаи никоҳ (шакли осонкардашуда ва фаҳмо)*

*“Алҳамду лиллоҳ, алҳамду лиллоҳ, алҳамду лиллоҳил лазӣ ҷаъалан никоҳа суннатан санийятан лил аноми фосилав ва қотиъан байнал ҳалоли вал ҳаром. Камо қолаллоҳу таъоло: Аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим. Фанкиҳу мо тоба лакум минан нисои масно ва сулоса ва рубоъ ва ин хифтум алло таъдилу фа воҳидаҳ. Ва қола алайҳис салоту вас салому: Ан никоҳу суннати фаман рагиба ан суннати*

*фалайса минни. Ан нокиҳу рогибун вал манкуҳату маргубаҳ. Вал маҳру ало мо тарозайо ва ақулу қавли ҳозо астагфируллоҳал гаффора ли ва лакум ва ли ҷамоатил муслиминал муъмининал ҳозирина аҷмаъин. Иннаҳу ҳувал гафурур раҳимул ҷаввотул каримул алийюл азимус самиъуд дуъо.”*

Акнун ба фармони Худованди ҷаҳон, офарандаи замину осмон, мураббии оламиён, подшоҳи абадӣ ва ҳакими фанонашаванда ва ба шарафи суннати беҳтарин авлоди ҳазрати Одам, хоҷаи Тоҳо ва Ёсин ва сайиди анбиё ва расулон, шоҳбози гулшани ҳақиқат ва маснаднишини гулистони маърифат, турш ва ширини «Абаса ва таваллo», сунбулмӯи «Вал лайли изо яғшо», яъне ба шариат ва суннати Муҳаммади Мустафо (с) ва ба мазҳаби муҳаззаби чароғи тобони уммат – Имоми Аъзам (р) ва ба гувоҳии ҷамоати мусулмонон, ки дар ин маҷлиси хайр ҳозиранд … (хутбаи мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, он метавонад ба дигар шаклҳо низ хонда шавад).

Сипас имомхатиб розигии арӯсу домодро мепурсад. Мутаассифона, аз қадим чунин қоидае боқӣ мондааст, ки гӯё арӯс бояд ба як бор пурсидан розӣ нашавад, домод бошад «ман аз арӯс камтар нестам» гӯён, аз ӯ бештар таваққуф кунад. Ин кори нодуруст аст.

Ба арӯсу домод фаҳмонидан лозим аст, ки никоҳ ба розигӣ ва хушнудӣ анҷом дода мешавад ва дар он маҷбурӣ нест. Аз ин рӯ, арӯсу домод бояд масъаларо дуруст дарк карда, ба он муносибати ҷиддӣ зоҳир намоянд ва ба як бор пурсидани имомхатиб розигии худро бо овози баланд, ки онро шоҳидон шунаванд, баён намоянд.

Имомхатиб мепурсад:

“Шумо, фалонӣ духтари фалонӣ нафси нафисаи худро ба занӣ ва ба никоҳи мусулмонӣ, бар ивази маҳри мазкур, ки байни ду тараф мувофиқа шудааст, ба ҳамин ҷавони

ҳозиромада – фалонӣ писари фалонӣ бахшидедаш ба занӣ?” Арӯс бояд бо овози баланд гӯяд: “Бахшидам”.

Сипас домод пурсида мешавад: “Шумо, ки ҷавони ҳозиромадаед, фалонӣ писари фалонӣ нафси нафисаашонро ба занӣ ва ба никоҳи мусулмонӣ, ки иборат аз ду шарт аст, яке он, ки ҳамсари худро бе нигоҳубин нагузоред ва ҳаргиз зарбу лат нанамоед, хостед ва қабул кардедаш ба занӣ?” Домод ҷавоб медиҳад, ки “хостам ва қабул кардам ба занӣ”.

Бо ҳамин ақди никоҳи мусулмонӣ баста мешавад. Баъд аз он имомхатиб ояте аз Қуръони каримро тиловат намуда, дар ҳаққи навхонадорон чунин дуо мекунад:

“Парвардигор никоҳи ин ду навҷавонро никоҳи мабрур ва муборак гардонад. Дар байнашон дӯстиву муҳаббат барпо созад, чунон дӯстиву муҳаббате, ки дар байни Ҳазрати Одаму Ҳавво, Муҳаммади Мустафо (с) ва Хадиҷаи Кубро, байни Алии Муртазо ва Фотимаи Заҳро дӯстиву муҳаббат буд. Худованд аз хонадонашон нафрату фитнаву фирорро дур сохта, дар ҳаққашон дуои Расули акрам (с) - ро бонасиб созад, ки фармудаанд: Боракаллоҳу лакумо ва борака алайкумо ва ҷамаъа байнакумо бил хайр!”

Умедворем, ки роҳнамои мазкур барои ходимони дин муфид буда, дар таҳкими оилаҳои ҷавон мусоидат менамояд.